Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзӯи «Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ.**

Бо ворид шудани ҷомеаи ҷаҳонӣ ба асри иттилоотӣ, воситаҳои ахбори омма бо таъсири бузурги худ ба шуури ҷамъиятӣ ҳамчун қудрати чорум қабул карда шудаанд. Бояд гуфт, ки воситаҳои ахбори омма ҳамчун маҳсули пешрафти илмию техникӣ ва атрибути фарҳанги оммавӣ аксаран на танҳо маълумот пешниҳод менамояд, балки ҷаҳонбинӣ ва талаботи ҷомеаро аллакай мақсаднок ва мунтазам ташаккул медиҳанд. Аз ин ҷост, ки масъалаи воситаи ахбори омма ва фаҳмиши фалсафии он солҳои охир ба яке мавзуҳои калидии фалсафаи иҷтимоӣ ва илмҳои ҷомеашиносӣ мубаддал гардида, дар маркази таваҷҷуҳи олимону коршиносон қарор дорад. Зеро яке аз хусусияти асосии таҳаввулоти илмию техникӣ ин тамоюлоти иттилоотонии ҷомеа мебошад, ки он дар навбати худ ҳаёту фаъолият ва тафаккуру арзишҳои инсониро дигаргун месозад.

Дар таҳқиқоти Ятимов Собирҷон Рустамович таҳлили иҷтимоӣ – фалсафии нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ ба сифати масъалаи марказии таҳқиқот интихоб шудаанд. Таҳлили қисми асосии таҳқиқот дар заминаи автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузоштаи муаллиф иҷро шудаанд.

Дар таҳқиқоти мазкур ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ – сиёсӣ, моҳият ва хусусиятҳои мафҳуми он дар асоси донишҳои назариявӣ ва баррасии ВАО ҳамчун воситаи асосии инъикоси масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа имрӯза тасниф ва муайян карда шудааст. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ин масъала, пеш аз ҳама, муайян кардани моҳият,

хусусият, сарчашмаҳои пайдоиши воситаҳои ахбори омма ва асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ хеле муҳим ба шумор рафта, барои пешгирии баъзе амалҳои номатлуби ин ниҳоди иҷтимоӣ-сиёсӣ мусоидат менамояд.

Таҷрибаи рӯзгор ва дониши одамон нисбат ба ҳодисаҳои муҳити атроф дар ҳамбастагӣ ба коркард ва азхудкунии иттилоот рушд мeёбад, ки раванди мазкур ба ташаккулёбии инфосфера оварда расонидааст. Бо вуҷуди он, ки одамон ҳангоми фаъолияти хеш ва истифода бурдани воситаҳои ахбори омма ба мушкилиҳои гуногун дучор мегарданд, имрӯз иттилоот ба ғизои бисёрталаби иҷтимоӣ мубаддал гардидааст. Диссертант дар доираи таҳқиқот хусусиятҳо, шаклҳо ва усулҳои таҷассуми масъалаҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ дар ВАО - и Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон дода, иброз менамояд, ки дар шароити имрӯза, мавзӯҳои асосии ВАО дар шароити Тоҷикистон аз мустаҳкам намудани пояҳои давлату давлатдорӣ, маҳдуд намудани гардиши маводи мухаддир, масъалаи терроризм ва экстремизм, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар кишвар, таъмини амнияти кишвар ва минтақа, рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон, нақш ва мақоми Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ ва амсоли инҳо ба ҳисоб меравад.

Навгонии илмии таҳқиқот ба он асос меёбад, ки диссертант дар доираи таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ бори аввал масъалаи нақши ВАО-ро дар шароити инкишофи иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи имрузаи тоҷикистонӣ мавриди баррасӣ қарор дода, дар асоси иҷрои вазифаҳои мушаххаси гузошташуда ба натиҷаҳои муайяни илмӣ ноил гардидааст.

Интишороте, ки муаллиф дар маҷҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонидааст, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия алоқаманд буда, натиҷаҳои муҳими илмии диссертатсияро инъикос менамояд.

Хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои диссертант аҳамияти баланди бунёдӣ ва илмӣ дошта, татбиқ ва истифодаи онҳо дар амалия аз манфиат холӣ нест.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо автореферати диссертатсия аз камбудиҳо орӣ нест. Аз ҷумла:

1. Дар дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмии автореферат, муаллиф омӯзиши ВАО-ро дар асару рисолаҳои муҳаққиқони ватанӣ нишон дода, аммо дар матни диссертатсия иқтибос аз онҳо кам нишон дода шудааст.
2. Дар дараҷаи таҳқиқот ва §1 боби 1-ум ҳангоми баррасси масъалаҳои пайдоиш ва инкишофи ВАО, муаллиф давраҳои гуногуни таърихӣ ва таълимоти файласуфони гузаштаро таҳлил накарда, таҳқиқотро танҳо аз соли 1912 оғоз намудааст.

Ин камбудиҳо, аҳамияти илмии автоРефератро кам намекунанд, зеро дар автореферат ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот дуруст муайян шуда, муаллиф натиҷаҳои асосноки илмиро ба даст овардааст.

Ҳамин тариқ, кори илмии Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзӯи "Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод шудааст, ба омӯзиши яке аз мавзӯҳои мубрами ҷомеаи имрӯзаи тоҷикистонӣ бахшида шуда, таҳқиқоти мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Сохтори таҳқиқот ва муҳтавои асосии он ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 31-33 –и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Гиёев Қ.Ҳ.

Имзои номзади илмҳои фалсафа, дотсент
Гиёев Қ.Ҳ – ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯч. Маяковский 70/5, хуҷ. 55
Тел: (+992) 907956307
Почтаи электронӣ: kgiyoev@yandex.ru

04.11.2024